**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо»- и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст**

Эҷоди достонҳои ишқии романтикӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ таърихи куҳан доранд, ки сюжети қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» яке аз чунин асарҳост. Навиштани асарҳои комил доир ба сюжети қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» аз садаи X сар шуда, то ибтидои асри XX давом кардааст. Масъалаи омӯзиши муқоисавии достонҳои ҳамном хеле васеъ ва доманадор аст, ки ин анъана, яъне ба мавзӯву сюжети як асар ҷавоб гуфтан аз асри X шурӯъ шуда, то ибтидои асри XX идома ёфтааст.

Автореферати диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо»- и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ, бахшида шудааст, ки интихоби дурусти мавзӯъ, баррасии амиқу таҳқиқи пешинаи он ва масъалагузориҳои муназзами муҳаққиқ аҳамияти илмии онро нишон медиҳад. Муаллифи диссертатсия дар автореферат барои ҳалли масъалаҳои матраҳшаванда омӯзиши илмии мавзӯъро ба се боб ва фаслҳои зиёд тақсим кардааст. Дар боби аввал муаллиф муҳтаво, сохтор ва сюжети достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода, дар ин боб андешаҳои хуби илмӣ баён кардааст.

Боби дуввуми рисола ба омӯзишу таҳлили муқоисавии ғоя ва симоҳои марказии достонҳои "Юсуф ва Зулайхо"-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шуда, муаллиф дар ин ҷо масъалаҳои ғояи достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, симоҳои марказии достони Ховарии Шерозӣ, симоҳои асосии достони Абдураҳмони Ҷомӣ, симоҳои марказии достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро

таҳлил намудааст, ки дар меҳвари он симоҳои Юсуф ва Зулайхо таҷаллӣ кардааст. Ин ва дигар нуктаҳои илмӣ дар боби дуюми рисола ба хубӣ матраҳ шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия ба омӯзиши масъалаҳои вежагиҳои услубӣ ва бадеии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, муҳтаво ва устухонбандии достонҳои ҳамном ва монандиву фарқи онҳо, монандӣ ва фарқ дар чеҳраофаринӣ ва тасвирсозӣ, мавқеи хоб ва руъё дар достонҳои ҳамном, мавқеи мунозира дар достонҳои ҳамном, нома ҳамчун хатти ҳунарӣ дар достонҳои ҳамном бахшида шуда, муаллиф дар он вежагиҳои услубӣ ва тафовути устухонбандии достонҳои ҳамномро таҳқиқ намуда, мавқеи санъатҳои бадеиро дар онҳо аз нигоҳи илмӣ собит кардааст.

Зарур ба таъкид аст, ки аз нигоҳи илмӣ дуруст истифода кардани сарчашмаҳои илмӣ, консепсияи илмӣ ва асосҳои назариявӣ барои таҳқиқоти амиқи масъалаҳои матраҳшаванда имкон фароҳам овардааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқот ба исбот расонидааст, ки устухонбандӣ, чеҳраофаринӣ ва тасвирсозӣ дар достонҳои ҳамноми Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ мутафовит ҳастанд.

Дар автореферати диссертатсия ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ нишон дода шуда, хулосаҳои муҳим баён гардидаанд ва аз ин рӯ метавон натиҷаи таҳқиқотро пажӯҳиши илмӣ-амалӣ ҳисобид.

Мақолаҳои чопнамуда ва автореферати диссертатсия мундариҷаи таҳқиқоти илмиро ба пуррагӣ инъикос мекунанд, зеро муаллиф андешаҳои худро бо далелу асноди мушаххас баён кардааст.

Автореферати диссертатсия ба забони фасеҳу равони илмӣ навишта шудааст. Аз баррасии автореферати диссертатсия метавон натиҷагирӣ кард, ки он кори анҷомёфтаи илмӣ буда, бартариҳои зиёд дорад. Дар қатори бартариҳо баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки баёни онҳоро зарур меҳисобем:

1.Муаллиф дар боби аввал ба масъалаи манбаъ ва сарчашмаҳои достонҳои «Юсуф ва Зулайхо» бештар аз нигоҳи динӣ таваҷҷуҳ кардааст, ҳол он ки ин масъала дар кутуби назарӣ ва адабиётшиносӣ низ матраҳ шудааст.

2.Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасанд (саҳ, 11, 12), ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Дар маҷмӯъ, камбудиҳои зикршуда арзиши илмии корро ҳаргиз паст намекунанд, зеро муаллиф ҳамаи мақсаду ҳадафҳои дар пеш гузоштаро иҷро кардааст.

Аз ин рӯ, бо боварӣ метавон баён кард, ки диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо»- и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст, бо таҳлилу пажӯҳиши хуб ва навгониҳои илмӣ кори анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик мебошад.

**Муқарриз:** Турсунов Ғолиб Абдусобирович, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи филологияи Шарқи Наздики ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода

"Имзои Турсунов Ғолибро тасдиқ мекунам"
Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Ш.М.

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.
Тел.: 93 558 18 18
E-mail: fil-sharq@mail.ru

**23.12.2019**